Оид ба натиҷаҳои пурсиши корфармоён
барои муайян намудани талабот ва пешниҳод ба қувваи корӣ дар ноҳияҳои Сино, Темурмалик ва Мастчоҳ

Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират дар ҳамкорӣ бо лоиҳаи Иттиҳоди Аврупо «Мусоидати техникӣ ба дастгирии Барномаи сиёсати секторалӣ дар соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ – қисми сиёсати меҳнат» пурсиши корфармоёнро барои муайян намудани талабот ва пешниҳод ба қувваи корӣ дар ноҳияҳои Синои шаҳри Душанбе, Темурмалик ва Мастчоҳ анҷом дод.

**1.Натиҷаҳои Пурсиши кордиҳандагон дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе.**

Дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе аз 14 март то 1 апрели соли 2011 маҷмӯан дар 95 корхона ва ташкилоту муассисаҳо Пурсиши кордиҳандагон гузаронида шуд. Бо сабаби мувофиқат накардан ба талаботи Методика 9 анкетаи пурсишӣ аз эътибор соқит гардид ва ҳамин тариқ 86 анкета мавриди таҳлил қарор дода шуд.

Бояд қайд намуд, ки анкетаҳои пурсишӣ аз 23 номгӯи саволҳо иборат мебошад, ки бо ҳам қаробат доранд ва вазъи бозори меҳнатро дар заминаи ин анкетаҳо метавон воқеъбинона арзёбӣ намуд.

Дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе давраи мадди назар, пурсиши кордиҳандагон дар 32 ташкилоту муассисаҳои давлатӣ, 46 хусусӣ, 4 коллективӣ ва 4 ташкилоту муассисаҳо бо шакли моликияти муштарак баргузор гардид. Аз ин ташкилоту муассисаҳо 33 ададро корхонаҳои хурд, 39 миёна ва 14 - тоашро корхонаҳои калон ташкил намуданд.

Аз рӯи фаъолияти иктисодӣ бошад, 28 ададро корхонаҳои соҳаи истеҳсолӣ, 53 хизматрасонӣ ва 4 корхонаи соҳаи савдо ташкил дод.

Вобаста ба соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ 28 ташкилоту муассисаҳои соҳаи саноат, 10 нақлиёт ва коммуникатсия, 11 тандурустӣ, 7 сохтмон, 2 фарҳанг, 1 маориф ва 23 ташкилотҳои соҳаҳои дигар мавриди пурсиш қарор дода шуданд.

Таҳлилҳо нишон доданд, ки аз ташкилотҳои мавриди пурсиш қарордодашуда соли ҷорӣ ва оянда талабот ба молу хизматрасонӣ дар 6 корхонаҳо коҳиш ёфта, дар 60 корхонаҳо бетағйир боқӣ мемонад ва дар 20-тои дигар бошад, меафзояд.

Дар ҳамин радиф, дар 18 ташкилоту корхонаҳо зиёдшавии теъдоди кормандон ба миқдори 214 нафар дар давраи аз 1 январи соли 2011 то 31 декабри соли 2012 ба нақша гирифта шудааст. Ин тамоюл аз беҳшавии фазои иқтисодии корхона ва ташкилоту муассисаҳо гувоҳӣ медиҳад, зеро мувофиқи таҳлили анкетаҳои пурсишӣ 57,5 фоиз сабаби зиёдшавии теъдоди кормандонро ба васеъ намудани истеҳсолот, 6,1 фоиз ба ворид намудани технологияҳои нав дар истеҳсолот ва зиёда аз 35 фоиз ба ташкили корҳои мавсимӣ алоқаманд мешуморанд (Диаграммаи 1).

**Диаграммаи 1**. Сабабҳои зиёдшавии теъдоди кормандон




Ҳамзамон таҳлили зиёдшавии теъдоди кормандон вобаста ба касбу ихтисосҳо нишон дод, ки дар ташкилоту корхонаҳои мавриди пурсиш қарордодашуда талабот ба кормандони ёрирасон 35,5 фоиз, мутахассисони коркарди фулузот 28,4 фоиз, устоҳои мебель 15,2 фоиз, фурӯшандаҳо 9 фоиз, дӯзандаҳо 4,7 фоиз, муҳандисони алоқа 3,8 фоиз ва духтурон ҳамагӣ 2,4 фоизро ташкил медиҳад. Тавре аз натиҷаҳо бармеояд зиёда аз 10 фоиз афзоиши теъдоди кормандон ба касбу ихтисосҳои коргарӣ рост меояд (Диаграммаи 2).

**Диаграммаи 2**. Зиёдшавии теъдоди кормандон вобаста ба номгӯи ихтисосҳо



Вобаста ба сатҳи таҳсилоти касбӣ бошад, зиёдшавии теъдоди кормандон асосан ба касбу ихтисосҳое рост меояд, ки таҳсилоти миёнаи касбиро талаб менамоянд.

Мусаллам аст, ки дар бо кор таъминшавии корҷӯён пешниҳоди ҷойҳои кори холӣ аз ҷониби кордиҳандагон мавқеи хоса дорад. Аз ин лиҳоз, дар анкетаҳои пурсишӣ саволи алоҳида оид ба мавҷудияти ҷойҳои кори холӣ дар ташкилоту корхонаҳо ҷой дода шудааст. Таҳлили анкетаҳои пурсишӣ аз он далолат медиҳад, ки дар ноҳия дар давраи пурсиш 360 адад ҷойҳои кори холӣ мавҷуд мебошад. Аз ин теъдод 49 ҷойҳои кори холӣ ё 13,6 фоиз бо сабаби нарасидани мутахассисони сатҳи зарурӣ, 179 адад ё 49,7 фоиз бо сабаби паст будани музди меҳнат ва 132 ҷойҳои кори холӣ ё 36,6 фоиз бо сабаби душвории шароити меҳнат банд нашудаанд.

Тавре аз рақамҳо бармеояд наздик 50 фоизи ҷойҳои кори холии мавҷуда бо сабаби паст будани музди меҳнат банд намешаванд. Дар баробари ин, нарасидани мутахассисони сатҳи зарурӣ дар касбҳое мушоҳида мешавад, ки онҳо асосан касбҳои коргарӣ буда, ба ин номгӯй кафшергарони газию барқӣ, муҳандисони соҳаи саноати хӯрокворӣ, сарэнергетикҳо, конструкторҳо, монтажникҳо, сардорони сехи конструксияҳои металӣ ва танзимгарони асбобҳои назоратию ченкунӣ дар истеҳсолот дохил мешаванд. Ин натиҷаҳо имконият медиҳанд, ки дар муассисаҳои таълими касбии система маҳз омӯзиши чунин мутахассисон амалӣ шавад, зеро талабот ба онҳо мавҷуд мебошад. Бо ибораи дигар, зимни пурсиши кордиҳандагон бевосита талабот ба коргарони касбу ихтисоси гуногун муайян карда мешавад.

Дигар раванди муҳим дар бо кор таъмин намудани шаҳрвандони корҷӯй ин таъсис додани теъдоди ҳарчи бештари ҷойҳои кории нав мебошад. Дар иртибот ба ин масъала зимни пурсиши кордиҳандагон ҷараёни таъсис, ихтисоршавӣ ва аз нав барқароркунии ҷойҳои корӣ дар қаробат ба хусусияти ҷойҳои корӣ ва сатҳи таҳсилоти касбӣ низ мавриди омӯзиш қарор гирифт.

Дар диаграммаҳои 3 ва 4 вобастагии раванди таъсис, ихтисоршавӣ ва аз нав барқароркунии ҷойҳои корӣ нисбат ба хусусияти ҷойҳои корӣ ва сатҳи таҳсилоти касбӣ оварда шудааст.

**Диаграммаи 3**. Вобастагии раванди таъсис, ихтисоршавӣ ва аз нав барқароркунии ҷойҳои корӣ нисбат ба хусусияти ҷойҳои корӣ



**Диаграммаи 4**. Вобастагии раванди таъсис, ихтисоршавӣ ва аз нав барқароркунии ҷойҳои корӣ нисбат ба сатҳи таҳсилоти касбӣ




Таҳлили раванди таъсиси ҷойҳои корӣ нишон медиҳад, ки дар давраи пурсиш маҷмуан 125 адад ҷойҳои корӣ таъсис, 60 адад ихтисор ва 70 адад аз нав барқарор карда шудааст. Аз ҷойҳои кори таъсисдодашуда 110 адад ҷойҳои кори доимӣ ва 15 адади дигар мавсимӣ мебошанд. Вобаста ба сатҳи таҳсилоти касбӣ ҷойҳои кори таъсисдодашуда асосан ба маълумоти миёнаи касбӣ тааллуқ доранд.

Аз ҷойҳои кори ихтисоршуда 49 ададро ҷойҳои кори доимӣ ва 11 ададро ҷойҳои кори мавсимӣ ташкил медиҳанд.

Дар заминаи ҷойҳои кори таъсисдодашуда ва ихтисоршуда муайян намудани тавозун миёни ин ҷойҳои корӣ масъалаи муҳим ба ҳисоб меравад. Бо дарназардошти он, ки ҷойҳои кори аз нав барқароршуда пурра ҷойҳои кори доимӣ мебошанд, дар маҷмӯъ 180 ҷойҳои кори доимӣ таъсис ва барқарор шуда, 49 ҷойҳои кори доимӣ ихтисор шудаанд, ки ба 27,2 фоиз рост меояд.

Сабаби асосии ихтисор шудани наздик 30 фоизи ҷойҳои кори доимӣ аз фаъолият бозмондани корхонаҳо мебошад. Мувофиқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моҳҳои январ-июли соли 2010 миқдори корхонаҳое, ки пурра боз истодаанд 151 корхона ё 18,1 фоизи миқдори умумиро ташкил медиҳад. Танҳо дар моҳи июли соли 2010-ум 322 (38,7 фоиз) корхона кор накард ва аз 78 намуди асосии маҳсулоти саноатӣ, истеҳсоли 29 (37,2 фоиз) номгӯй кам шуда, аз рӯи 12 (15,4 фоиз) номгӯй истеҳсол нашудааст.

Бо кор таъмин шудани корҷӯён дар ҷойҳои кори доимӣ 6,4 фоиз ва дар ҷойҳои кори мавсимӣ 173 фоизро ташкил медиҳад. Ин раванд собит месозад, ки дар ҷойҳои кори доимӣ танҳо мутахассисони сатҳи зарурии касбӣ ба кор қабул карда мешаванд.

Дигар масъалаи муҳим зимни пурсиши кордиҳандагон аз муайян намудани сатҳи ҳамкорӣ бо мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ иборат буд. Ба таври дигар арзёбӣ намудани хизматрасонии мақомоти давлатии шуғли

аҳолӣ аз ҷониби кордиҳандагон. Дар диаграммаи 5 чунин маълумот оварда шудааст.




Таҳлили анкетаҳои пурсишӣ нишон дод, ки 12,8 фоизи кордиҳандагон ҳамкориро бо мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ мусбат ва 58,1 фоиз қаноатбахш арзёбӣ намуда, 29,1 фоизи дигар умуман ҳамкорӣ бо мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ надоранд. Ба таври мусбӣ арзёбӣ намудани сатҳи ҳамкорӣ миёни кордиҳандагон ва мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ ба андозаи 12,8 фоиз имрӯз мувофиқ ба мақсад нест ва яке аз вазифаҳои муҳим дар назди мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ – барқарор намудани ҳамкориҳои мутақобилаи судманд бо кордиҳандагон мебошад. Танҳо дар ҳамин замина мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ метавонад сатҳи хизматрасониро дар самти мусоидат ба шуғли аҳолӣ беҳбудӣ бахшад. Бо ибораи дигар, дар бозори меҳнат шарики стратегии мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ кордиҳандагон ба ҳисоб меравaнд.

Аз ин хотир, зарур аст, ки шаклу усулҳои нави ҳавасмандгардонии кордиҳандагон ҷиҳати амалӣ намудани ҳамкориҳо бо мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ таҳия ва роҳандозӣ гарданд.

## 2. **Натиҷаҳои пурсиши кордиҳандагон дар ноҳияи Темурмалики вилояти Хатлон**

Дар ноҳияи Темурмалики вилояти Хатлон дар давраи аз 14 март то 1 апрели соли 2011-ум 45 ташкилоту корхонаҳо аз пурсиш гузаронида шуданд. Аз рӯи шакли моликият 28 корхонаҳои давлатӣ, 12 коллективӣ ва 5 корхонаҳои хусусӣ мавриди пурсиш қарор гирнифтанд, ки аз ин шумора 11 ададро корхонаҳои калон, 24 миёна ва 10 адад корхонаҳои хурд ташкил медиҳанд.

Аз рӯи фаъолият бошад, 22 адад корхонаҳои соҳаи саноат, 22 соҳаи хизматрасонӣ ба аҳолӣ ва 1 адад корхонаи соҳаи савдо мавриди пурсиш қарор гирифтанд.

Вобаста ба соҳаҳои иқтисоди миллӣ 1 корхонаи саноатӣ, 2 сохтмон, 19 кишоварзӣ, 13 соҳаи маориф, 1 нақлиёт ва коммуникатсия, 4 соҳаи тандурустӣ ва 2 ташкилоту муассисаҳои соҳаи фарҳанг мебошанд.

Таҳлилҳо нишон дод, ки аз ташкилоту корхонаҳои мавриди пурсиш қарордодашуда соли гузашта талабот ба молу хизматрасонӣ дар 3 корхона коҳиш ёфта, дар 22 бетағйир боқӣ мондааст ва дар 20 корхонаи дигар бошад, афзоиш ёфтааст. Соли ҷорӣ ва оянда талабот ба молу хизматрасонии корхонаҳо коҳиш наёфта, дар 19 корхона бетағйир ва дар 26 корхона рӯ ба афзоиш мениҳад.

Дар ҳамин радиф, тайи давраи аз 1 октябри соли 2010 то 1 октябри соли 2011 дар ташкилоту корхонаҳои ноҳияи Темурмалик зиёдшавии теъдоди кормандон ба миқдори 307 нафар ба нақша гирифта шудааст.

Инчунин, дар давраи аз 1 январи соли 2011 то 31 декабри соли 2012 дар 39 ташкилоту корхонаҳо зиёдшавии теъдоди кормандон ба миқдори 545 нафар ва дар 25 корхонаҳои дигар камшавии кормандон ба 162 нафар дар назар аст.

Зиёдшавии теъдоди кормандон дар касбу ихтисосҳои сохтмонӣ, моҳипарварӣ, занбурпарварӣ, дӯзандагӣ, иқтисодчӣ, омӯзгорӣ ва духтурон пешбинӣ шудааст. Сабаби асосии зиёд намудани теъдоди кормандон дар касбу ихтисосҳои болозикр васеъ намудани истеҳсолот (76,5 фоиз) ва барқарор намудани ҷойҳои корӣ (23,5 фоиз) мебошад (Диаграммаҳои 6 ва 7).

**Диаграммаи 6**. Зиёдшавии теъдоди кормандон аз рӯи касбу ихтисосҳо



**Диаграммаи 7**. Сабабҳои зиёд намудани теъдоди кормандон




Дар баробари ин, таҳлили сабабҳои камшавии теъдоди кормандон дар 25 ташкилоту корхонаҳои ноҳия нишон дод, ки 25,3 фоиз аз ҳисоби баромадан ба нафақа буда, 74,7 фоиз бо сабаби қатъ гардидани фаъолияти истеҳсолӣ мебошад. Камшавии кормандон аксаран дар касбу ихтисосҳои сохтмонӣ ва кормандони ёрирасон ба қайд гирифта шуд.

Ҳамзамон муайян гардид, ки дар ташкилоту корхонаҳои мавриди пурсиш қарор гирифта 112 нафар шаҳрвандони синну соли пеш аз нафақа кор мекунанд ва қисмати бештари онҳоро омӯзгорону кормандони ёрирасон ташкил медиҳанд. Ин ҳолат водор месозад, ки дар ноҳия ба масъалаи омода намудани кадрҳои ҷавони омӯзгор диққат дода шавад, зеро бо дарназардошти омӯзгорони ба нафақа баромада ва омӯзгорони синну соли пеш аз нафақа дар давоми соли оянда талабот ба ин кадрҳо ба мушкилот табдил меёбад.

Тавре дар боло қайд шуд, зимни пурсиши кордиҳандагон муайян намудани теъдоди ҷойҳои кори холӣ масъалаи муҳим мебошад ва дар ин замина бо кор таъмин намудани шаҳрвандони бекор ва корҷӯй амалӣ мешавад.

Дар ноҳияи Темурмалик дар давраи пурсиш муайян шуд, ки 631 ҷойҳои кории холӣ дар ташкилоту корхонаҳои ҳудуди ноҳия мавҷуд мебошанд. Таҳлили сифатии ҷойҳои кории холӣ нишон дод, ки 356 адад (56,4 фоиз) бо сабаби паст будани музди меҳнат, 210 адад (33,3 фоиз) бо сабаби душвор будани шароити кор ва 65 адад (10,3 фоиз) бо сабаби нарасидани мутахассисони зарурӣ банд нашудаанд.

Вобаста ба касбу ихтисосҳо бошад, ҷойҳои кории холӣ, ки шароити вазнини кор доранд ба соҳаи пиллапарварӣ ва дараву захираи хошок дахл дошта, нарасидани сохтмончиён, дӯзандагони касбӣ дар Фабрикаи дӯзандагии ноҳия ва замбурпаварон ба қайд гирифта шуд. Илова ба ин, бо сабаби паст будани музди меҳнат 66 воҳиди кории омӯзгорӣ, 48 духтурӣ ва 121 кормандони ёрирасон банд намебошанд. Вазъи мавҷуда тақозо

менамояд, ки мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ дар ноҳия ҷиҳати ҳарчи зудтар банд шудани ҷойҳои кории холӣ тадбирҳои бетаъхир андешад.

Маълум аст, ки дар бо кор таъминшавии шаҳрвандони бекор ва корҷӯй раванди таъсис ва аз нав барқароркунии ҷойҳои корӣ накши муҳим дорад.

Таҳлили раванди таъсис, аз нав барқароркунӣ ва ихтисоршавии ҷойҳои корӣ дар ноҳияи Темурмалик нишон дод, ки дар давраи баррасишаванда дар ноҳия маҷмуан 462 адад ҷойҳои кории нав таъсис дода шуда, 497 адад ҷойҳои корӣ барқарор ва 238 адад ихтисор шудаанд.

Аз ҷойҳои кории нави таъсисдодашуда 218 адад (47,2 фоиз) ҷойҳои кории доимӣ, 108 адад (23,4 фоиз) муваққатӣ ва 136 адад (29,4 фоиз) мавсимӣ мебошанд.

Вобаста ба сатҳи таҳсилоти касбӣ аз ҷойҳои кории нави таъсисдодашуда 151 адад (32,7 фоиз) ба таҳсилоти ибтидоии касбӣ, 300 адад (64,9 фоиз) ба таҳсилоти миёнаи касбӣ ва 11 адад (2,4 фоиз) ба таҳсилоти олии касбӣ рост меоянд. Тавре мушоҳида мешавад 97,6 фоизи ҷойҳои кории нави таъсисдодашуда ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ тааллуқ доранд, ки аслан ба соҳаи хизматрасонӣ ва касбҳои коргарӣ мансуб мебошанд.

Дар ҳамин давра, дар ноҳия 497 адад ҷойҳои корӣ аз нав барқарор шудааст, ки аз ин теъдод 309 адад ҷойҳои кории доимӣ, 81 адад муваққатӣ ва 107 адад ҷойҳои кории мавсимӣ мебошанд. Маҷмӯан дар натиҷаи таъсис ва барқарорсозии ҷойҳои корӣ дар ноҳия 527 адад ҷойҳои кори доимӣ, 189 адад муваққатӣ ва 243 адад ҷойҳои кори мавсимӣ ташкил карда шудааст.

Аз 238 ҷойҳои кории ихтисоршуда 220 ададро ҷойҳои кории доимӣ, 6 ададро муваққатӣ ва 12 ададро ҷойҳои кории мавсимӣ ташкил медиҳанд.

Таҳлили тавозуни таъсису барқарорсозӣ ва ихтисоршавии ҷойҳои корӣ дар ноҳия аз он гувоҳӣ медиҳад, ки аз ҷойҳои кории дар маҷмӯъ таъсису барқароршуда 41,7 фоиз, аз ҷойҳои кории муваққатӣ 3,2 фоиз ва аз ҷойҳои кории мавсимӣ 4,9 фоиз ихтисор шудаанд. Ихтисор шудани зиёда аз 40 фоизи ҷойҳои кории доимӣ дар ноҳия раванди номатлуб мебошад.

Новобаста аз ин, таҳлили раванди бокортаъминшавӣ нишон медиҳад, ки 90,1 фоизи ҷойҳои кории доимӣ, 61,9 фоизи ҷойҳои кории муваққатӣ ва 45,2 фоизи ҷойҳои кории мавсимӣ аз ҷониби шаҳрвандони бекор ва корҷӯй ишғол мешаванд. Ин ҳолат гувоҳӣ он аст, ки дар ноҳия аҳолӣ дар ҳар гуна вазъ мехоҳад соҳиби ҷойи кор бошад. Дар навбати худ ин ҳолат аз сари вақт мутобиқшавии қувваҳои корӣ ба вазъи бозори меҳнат дар ноҳия далолат медиҳад. Дар диаграммаҳои 8 ва 9 вобастагии раванди таъсис, барқарорсозӣ ва ихтисоршавии ҷойҳои корӣ вобаста ба сатҳи таҳсилоти касбӣ ва хусусияти ҷойҳои корӣ оварда мешавад.

**Диаграммаи 8**. Вобастагии раванди таъсис, барқарорсозӣ ва ихтисоршавии ҷойҳои корӣ ба сатҳи таҳсилоти касбӣ




**Диаграммаи 9**. Вобастагии раванди таъсис, барқарорсозӣ ва ихтисоршавии ҷойҳои корӣ ба хусусияти ҷойҳои корӣ




Яке аз масъалаҳои барои мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ хеле муҳим арзёбии сатҳу сифати хизматрасониҳои мақомот аз ҷониби кордиҳандагон ба ҳисоб меравад.

Аз ин хотир, дар анкетаҳои пурсиши кордиҳандагон саволҳо доир ба масъалаҳои шакли ҷӯстуҷӯи кормандон, ҳамкориҳо бо мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ дар давоми як соли охир, хизматрасониҳои мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ, арзёбии ҳамкориҳо бо мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ ва арзёбии ҳамкориҳои имконпазир бо мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ ҷой доштанд. Таҳлили анкетаҳои пурсишӣ дар ноҳияи Темурмалик нишон дод, ки намояндаҳои ваколатдори 62 кордиҳандагон ҳамкориро бо мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ мусбат арзёбӣ намуда, 90 –тои дигар қаноатбахш ва 6 кордиҳанда аз ҳамкорӣ бо ин мақомот худдорӣ намудаанд. Тавре аз рақамҳо бармеояд аксари кордиҳандагон ҳамкориро бо мақомоти давлатии шуғли

аҳолӣ гарчанде қаноатбахш арзёбӣ намуда бошанд ҳам, дар амал аз чунин ҳамкориҳо кордиҳандагон канорачӯӣ менамоянд.

Сабаб дар он аст, ки дар асл санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи чунин ҳамкориҳо бештар хусусияти директивӣ дошта, ҳавасмандгардонии кордиҳандагон дар ин ҷода умуман вуҷуд надорад.

Бинобар ин, хеле муҳим аст, ки дар оянда санадҳои меъёрие таҳия ва қабул гарданд, ки барои чунин ҳамкориҳо заминаи ҳуқуқиро фароҳам оранд.

3. **Натиҷаҳои пурсиши кордиҳандагон дар ноҳияи Мастчоҳи вилояти Суғд**

Дар ноҳияи Мастчоҳ маҷмӯан 28 ташкилоту корхонаҳо ба пурсиш фаро гирифта шуданд, ки аз ин теъдод 9 корхонаҳои давлатӣ, 8 коллективӣ ва 11 корхонаи хусусӣ буда, аз рӯи ҳаҷм 15 корхонаи хурд, 6 миёна ва 7-тои дигар корхонаҳои калонро ташкил медиҳанд.

Вобаста ба намуди фаъолият бошад, 11 корхонаи истеҳсолӣ, 16 соҳаи хизматрасонӣ ва 1 корхонаи соҳаи савдо аз пурсиш гузаронида шуданд.

Таҳлили анкетаҳои пурсишӣ дар ташкилоту муассисаҳо нишон дод, ки дар ноҳия соли 2010-ум талабот ба молу хизматрасонӣ дар 2 корхона коҳиш ёфта, дар 18 корхона бетағйир мондааст ва дар 8 корхона зиёд шудааст.

Соли ҷорӣ талабот ба молу хизматрасонӣ дар 16 корхона зиёд гардида, дар 8 корхона бетағйир ва дар 4 корхона коҳиш ёфтааст.

Бар замми ин, дар 16 корхона зиёд намудани теъдоди кормандон ба 186 нафар пешбинӣ шудааст, ки сабабҳои асосии зиёдшавӣ ин васеъ намудани истеҳсолот (61,8 фоиз), барқарорсозии ҷойҳои корӣ (9,7 фоиз) ва ҷорӣ намудани технологияҳои нави истеҳсолӣ (28,5 фоиз) мебошад. Зиёдшавии теъдоди кормандон асосан дар касбу ихтисосҳои сохтмонӣ (33,9 фоиз), бофандагӣ ва коркарди нахи пахта (28,5 фоиз) ва растанипарварӣ (24,2 фоиз) рост меоянд.

Бояд қайд намуд, ки дар давраи аз 1 январи соли 2011 то 31 декабри соли 2012 дар ташкилоту корхонаҳои ҳудуди ноҳия кам намудани теъдоди кормандон пешбинӣ нашудааст. Зимни пурсиши кордиҳандагон маълум гардид, ки ин ҳолат пеш аз ҳама ба татбиқи босамари Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳия барои давраи то соли 2015 алоқаманд аст, зеро бо сари вакт маблағгузорӣ шудани соҳаҳои гуногуни иқтисодӣ шароити хуби кору фаъолият ба миён омадааст.

Дар давраи пурсиш дар корхонаву муассисаҳо 35 адад ҷойҳои кории холӣ ба қайд гирифта шуд, ки аз ин теъдод 28 адад (80 фоиз) бо сабаби паст будани музди меҳнат ва 7 адад (20 фоиз) бо сабаби нарасидани мутахассисони сатҳи зарурӣ банд нашудаанд. Аз ҷумла, духтурони эҳёгар (реаниматолог), муҳосибон ва муҳандиси заводи коркарди пахта, ки ҳамаи ин касбҳо таҳсилоти олии касбиро талаб менамоянд. Дар диаграммаҳои 10 ва 11 сабабҳои банд нашудани ҷойҳои кории холӣ ва вобастагии ҷойҳои кории холӣ ба касбу ихтисосҳо оварда мешавад.

**Диаграммаи 10**. Сабабҳои банд нашудани ҷойҳои кории холӣ




**Диаграммаи 11**. Банд нашудани ҷойҳои кории холӣ вобаста ба касбу ихтисосҳо




Таҳлили раванди таъсис, барқарорсозӣ ва ихтисоршавии ҷойҳои корӣ дар ноҳия нишон дод, ки дар давраи пурсиш 67 адад ҷойҳои кории нав таъсис дода шуда, 4 адад ҷойҳои корӣ барқарор ва 23 адад ихтисор шудаанд. Аз ҷойҳои кори нави таъсисдодашуда ва барқароршуда 46 адад ҷойҳои кории доимӣ ва 25 адад мавсимӣ мебошанд.

Вобаста ба сатҳи таҳсилоти касбӣ аз ҷойҳои кории доимӣ 25 адад (37,3 фоиз) ба таҳсилоти ибтидоии касбӣ, 34 адад (50,7 фоиз) миёнаи касбӣ ва 8 адад (11,9 фоиз) ба таҳсилоти олии касбӣ тааллуқ доранд.

Дар ҷойҳои кории таъсис ва барқароршуда 53 нафар шаҳрвандони бекор ва корҷӯй бо кор таъмин шудаанд, ки ҳиссаи бандшавии ин ҷойҳои корӣ ба 74,6 фоиз баробар аст.

Аз ҷойҳои кории ихтисоршуда 20 адад ҷойҳои кори доимӣ мебошанд, ки нисбат ба ҷойҳои кори доимии таъсис ва барқароршуда 43,5 фоизро ташкил медиҳад ва ҷойҳои кории ихтисоршуда пурра ба таҳсилоти ибтидоии касбӣ рост меоянд. Касбу ихтисосҳое, ки асосан ба таҳсилоти ибтидоии касбӣ рост меоянд, аз касбҳои коргарӣ иборат мебошанд.

Аз ин хотир, хеле муҳим аст, ки шиддати раванди ихтисоршавии касбҳои коргарӣ паст ва ё умуман боздошт шавад. Барои ноил шудан ба ин мақсад зарур аст, ки ҳарчи бештар ҷойҳои кории арзанда бо касбу ихтисосҳои коргарӣ таъсис дода шаванд.

Дар ноҳияи Мастчоҳ таҳлили анкетаҳои пурсишӣ доир ба сатҳи хизматрасониҳои мақомоти шуғли аҳолӣ ва ҳамкориҳо ба кордиҳандагон нишон дод, ки кордиҳандагон барои ҳамкорӣ бо мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ ҳавасманд намебошанд ва дар аксар ҳолатҳо аз хизматрасониҳои ин мақомот ҳамчун миёнарав дар бозори меҳнат истифода намекунанд.

Масалан, дар масъалаи ҷустуҷӯи кормандон кордиҳандагон асосан ба дастгирии шиносон такя менамоянд, ки ин раванд ба ҳеҷ ваҷҳ моро қонеъ карда наметавонад.

Ин ҳолат бори дигар собит месозад, ки феълан фаъолияти мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ дар самти барқарорсозии ҳамкориҳои судманд бо кордиҳандиҳандагон беҳбудиро тақозо менамояд.

Ҳамин тавр, дар натиҷаи пурсиши кордиҳандагон дар ноҳияҳои болозикр хулосаҳои зерин ба даст омад:

1. Методикаи мазкур қобили дастгирӣ, роҳандозӣ ва омӯзиши ҳамаҷониба дар мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ мебошад.

2. Дар натиҷаи гузаронидани пурсиши кордиҳандагон ва коркарди маълумоти ба дастомада, вазъи воқеии бозори меҳнат метавонад баҳогузорӣ карда шавад.

3. Дар ҳар як шаҳру навоҳӣ, минтақа ва вилоятҳо дар заминаи пурсиши кордиҳандагон вазъи шуғлнокии аҳолӣ мауйян карда мешавад.

4. Натиҷаҳои пурсиши кордиҳандагон барои мутобиқ намудани раванди таълими касбӣ ба талаботи бозори меҳнат замина мегузорад.

5. Дурнамои вазъи бозори меҳнат дар ин замина муайян карда мешавад.

6. Маълумоти воқеӣ оид ба таъсис, барқарорсозӣ, ихтисоршавии ҷойҳои корӣ, маълумот оид ба ҷойҳои кории холӣ ба даст меояд, ки дар таъмини шаҳрвандони бекор ва корҷӯй метавонад самаранок истифода шавад.

7. Дар заминаи ин маълумот сатҳи хизматрасониҳои мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ баҳогузорӣ мешавад.

Сардори Раёсати бозори меҳнат
ва шуғли аҳолӣ — Н. Қурбонов